**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи илмии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:

Рисолаи диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**:

Нақши оила дар тарбия ва пешравии ҷомеа бетаъсир набуда, ислоҳи ҷомеа, коҳиши ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятькорӣ, ҳамчунин, инкишофи маънавию рӯҳӣ маҳз аз оила сарчашма мегирад. Иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ дар робита бо иҷрои нақши муайяни худ бояд муҳитеро ташкил намоянд, ки дар он эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои ҳар як субъект ба назар расида, риоя гарданд. Зӯроварӣ дар оила ҳамчун зуҳуроти номатлуби тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таърихи қадимаро доро аст. Аммо ин кирдорро ҳамчун мушкилоти ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ дар охирҳои асри 19 ва аввали асри 20 эътироф намуда, таҳқиқоти назаррас доир ба ин падида аз ҷониби олимон ва муҳаққиқон

гузаронида шуда истодааст. Ин раванд аз мадди назари муҳаққиқону ҳуқуқшиносони тоҷик низ дур намондааст. Зӯроварии оилавӣ нисбати занон дар Тоҷикистони имрӯза аз ҷониби ҳам сохторҳои давлатӣ ва ҳам ҷомеа ҳамчун масъалаи мубрам ва муҳим шинохта шудааст. Дар айни ҳол муносибатҳои оила ба ҷомеа нисбати солҳои қаблӣ кушодатар шудаанд, бисёр сохторҳо ва идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои хориҷӣ ба омӯзиши масъалаҳои зӯроварии оилавӣ шуруъ намуданд. Муҳофизат аз зӯроварии оилавиро метавон ҳамчун як масъалаи махсуси мубрам дар замони муосир шуморид. Дар ин раванд, гуфтан мумкин аст, ки моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии занон ва мардонро кафолат додааст. Хусусан, пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назорати қатъӣ гирифта шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам дар баромадҳои худ масъалаи арҷгузорӣ намудан ба ҳуқуқҳои занон ва баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеаро таъкид менамоянд. Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” зикр намудаанд: “Дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон дар ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода шуда, Ҳукумати мамлакат ташаббусҳои занону бонувони кишварро минбаъд низ дастгирӣ карда, ба хотири ҷалби бештари онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад”. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ соли 1993 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои таъбизро ба тасвиб расонид. Ҳамчунин, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа тавассути ҳифзи ҳуқуқи занон ва мусоидат намудан ба

ҳимояи ҳуқуқу имкониятҳои баробар ҷиҳати иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ таъсис дод. Соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" қабул гардид, ки далолати эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқҳои субъектони оилавӣ (хусусан ҳуқуқҳои занон) мебошад. Бо вуҷуди ин, кам нестанд оилаҳое, ки дар онҳо хушунати оилавӣ ба як ҳолати муқаррарӣ табдил ёфтааст ва қурбонии асосӣ дар ин ҳолат занон ба ҳисоб мераванд.

Гуфтаҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки дарвоқеъ, рисолаи мазкур ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрам мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Рисолаи диссертант нахустин кори илмӣ мебошад, ки маҳз ба масъалаи хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон ва таҳлили илмиву назариявии он вобаста ба шароити имрӯзаи кишвар бахшида шудааст. Кори илмӣ аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ҳафт зербоб, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 206 саҳифаи матни чопӣ иҷро шудааст. Навгонии илмии рисола ба таври мушаххас нишон дода шудани асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он, масъалаҳои асосии таҳлили криминологии мафҳум ва намудҳои зӯроварӣ дар оила, таҳлили муқоисавии зӯроварӣ дар оила дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аҳаммият ва зарурати таҳқиқоти виктимологии зӯроварӣ дар оила, нишондодҳои шуморавӣ ва сифатии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, ҳамчунин, чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила ва чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила иборат мебошад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷониби муаллиф дар 14 банд муайян гардидааст, ки мазмуну моҳияти навоварии илмиро доро

буда, моҳияти илмии мавзуъро ошкор месозанд. Ба андешаи диссертант, самти асосии мубориза бо ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бояд рушди низоми кумаки иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва хизматрасонии иҷтимоии барои ҳама дастрас дар ин самт эътироф карда шавад. Дар баробари ин, субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила бояд аз чораҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию рӯҳӣ истифода баранд. Умуман, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бояд вазифадор карда шаванд, ки чорабиниҳоро оид ба таҳкими оила, беҳтар намудани муҳити оилавӣ ба таври комплексӣ ба нақша гиранд ва, ҳамзамон, барои татбиқ намудани чораҳои пешгирии криминологии умумӣ ва махсус саъю кӯшиш намоянд, ҳамчунин, бахри натиҷагирӣ чораҳои зеринро дар ин самт роҳандозӣ намоянд: меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷинояткорӣ, ин маҷмуи усулҳо ва воситаҳое мебошанд, ки ба рафъи сабабҳои содир намудани ҷиноят ё мушаххасан барои аз байн бурдани ҷиноятҳои бо зуҳуроти мазкур пайдошаванда нигаронида шудаанд. Аз сабаби он ки онҳо бо субъектони муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастаанд, миқёси татбиқи онҳо нисбат ба меъёрҳои умумииҷтимоӣ камтар аст. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳо онҳо миқёсан васеъ гардида, ба тамоми соҳаҳои ҷамъиявӣ ва субъектони алоҳидаи он паҳн мегарданд. Объекти чунин пешгириро ҷинояткорӣ, дар умум, намудҳои он ва ҷиноятҳои алоҳида ташкил медиҳанд; меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила раванди иҷтимоие мебошад, ки асоси онро татбиқи усулҳои махсуси ба талаботи ахлоқу меъёрҳои қонуният ҷавобгӯйбуда, донишу малакаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар умум, ки бо мақсади рафъи он оқибатҳои нохуше, ки сабаби содирнамоии ҷиноят мегарданд, ташкил медиҳанд; меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта, ки нисбати аъзои оила ва ё дигар хешовандон содир мегарданд, донишҳои махсуси криминологиро талаб намуда, онҳо барои

таҳияи нақшаҳои комплексӣ ва барномаҳои мушаххас оид ба татбиқи чораҳои пешгирикунандаи ин раванд заруранд (саҳ. 19-20).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф бо методҳо ва методологияи таҳқиқот, бо маводи таҳлилгардида, адабиёт ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда ва инчунин раднопазир будани мубрамияти мавзуъ асоснок карда мешавад. Адабиёт ва сарчашмаҳои илмии аз ҷониби муаллиф истифодашуда бо мавзуи таҳқиқот робитаи бевосита доранд. Методҳои илмии таҳқиқот, ки диссертант истифода намудааст, низ дар илмҳои ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра фароҳам овардаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳаммияти илмии рисола бо дарки дуруст ва ҳаматарафаи моҳият ва хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он ошкор мегардад. Махсусиятҳои рисола дар он аст, ки натиҷаҳои он дар амалигардии фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон дар самти мубориза муқобили зӯроварии оилавӣ ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур хеле назаррас аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои дар самти ҳифзи оила ва ноболиғон дар Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд дар оянда ба сифати асоси бунёдии ҳам заминаҳои назариявӣ ва ҳам амалию муқоисавии таҳқиқи бисёре аз масъалаҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он

баромад намоянд. Хулоса ва пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва дурнамое, ки ҳангоми таҳқиқи диссертатсия анҷом дода шудаанд, барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳаммияти калон дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ махсусан дар самти мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамзамон, як қатор пешниҳоду таклифҳои илмии диссертатсияи мазкурро метавон дар таълими фанҳои соҳавии ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илм:**

Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 1 монография, 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст.

Дар баробари ҷой доштани муваффақиятҳо ва таклифҳои созанда, диссертатсияи мазкур аз баъзе масъалаҳои баҳсталаб орӣ нест.

Аз ҷумла:

**1.** Дар параграфи 1.2 гуфта шудааст, ки дар солҳои 2012-2018 дар Россия қариб 10 ҳазор волидайнро аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум намуда, зиёда аз 2,5 ҳазор кӯдакон бе маҳрум намудани ҳуқуқҳои волидайнашон аз онҳо гирифта мешаванд, зеро дар оила таҳдиди расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ин кӯдакон вуҷуд дорад. Аммо мушаххас карда нашудааст, ки дар кадом асос кӯдакон аз волидайнашон рабуда мешаванд, ҳол он ки ҳуқуқи падару модарии волидайн маҳрум нагардидааст (саҳ. 53-54). Хуб мешуд, дар раванди ҳимояи ошкоро аз тарафи диссертант ба ин масъала равшанӣ андохта мешуд.

**2.** Дар таҳлили банди 1.3 виктим ба 3 гурӯҳ ҷудо гардидааст (саҳ. 65-83): 1. Виктими хашмгин дар оила (виктими дар натиҷаи ба даст овардани фоидаи моддӣ, виктими шаҳвонӣ, виктими дар натиҷаи рафторҳои авбошона бавуҷудомада, виктими дар натиҷаи қасосгирӣ,

виктими дар шароити бо низоъ бавуҷудомада); 2. Виктими фаъол дар оила (иғвогарии бошуурона дар оила, иғвогарӣ аз беэҳтиётӣ, худзарарrасонии бошуурона, худзарарrасонӣ аз беэҳтиётӣ дар оила); 3. Виктими ғайрифаъол дар оила (бо сабабҳои гуногун муқовимат нишон намедиҳанд). Виктимӣ хашмгин дар оила ва виктими ғайрифаъол дар оила дар рисолаи мазкур бо мисолҳои амалӣ пурра таҳлил карда шудаанд, аммо нисбати гуруҳи виктими фаъол дар оила, бо вуҷуди зиёд буданаш дар таҷрибаи амалӣ, аз ҷониби муаллиф, мисолҳои мушаххас, мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд.

**3.** Дар рисола дар сатҳи гуногун диаграммаҳо ва ҷадвалҳо вобаста ба пастуболоравӣ, вобаста ба минтақаҳои содиршавии ҷиноятҳои хусусияти зӯроварӣ дар оила дошта, ҳамчунон вобаста ба ҷиноятҳои мушахас омори криминологи оварда шудааст (зербоби 2.1.).

Қобили зикр аст, ки сину сол, ва шуғли шахсони ба ин зуҳуроти номатлуби ҷомеъа дастзананда яке аз самтҳои асоси дар таҳқиқоти криминологии ба ҳисоб меравад. Вобаста ба предмети таҳкикот, ба муайян намудани синну сол, бештар хос буда, ва ҳолати шахсро вобаста ба қобилияти он дар ҷомеа инъикос мекунад. Хуб мешуд, ки аз тарафи муаллиф дар ин самт яъне синну сол дар таҳқиқот гузаронида шуда, синну сол мавриди омузиш ва хулосабарорӣ қарор мегирифт.

Дар мачмуъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илман асоснокшуда ва ба таври мантикӣ анчомёфта ба хисоб рафта, норасогихои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам карда наметавонанд.

Диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи: “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дарачахои илмй, ки бо Қарори Х,укумати Чумхурии Точикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдик шудааст, мувофик мебошад.

Диссертатсия аз чониби муаллиф мустакилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантикй ягонаи дохилӣ мебошад. Натича ва нуктахои

навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаи мушаххаси илмӣ, таҳқиқи самтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология дар шароити муосир нишон медиҳанд.

Автореферат бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори мушарраф гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар асоси талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

**Муқаррizи расмӣ:**
ёрдамчии прокурори шаҳри
Хуҷанд, ҳуқуқшиноси дараҷаи 1,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Қурбонзода Б.Ш.**

**Имзои Қурбонзода Б.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
прокуратураи вилояти Суғд,
мушовири адлияи дараҷаи 1 **Почомулло М.**
15.11.23

**Суроғаи муқарриз:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735714**
**Суроға: вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 34,**
**Прокуратураи вилояти Суғд**
**Тел. корӣ: (83422) 5-25-26**
**E-mail: prokuratura.sugd@mail.ru**